«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
доктори илми филология, профессор
_____________ Гулназарзода Ж. Б.
«_2_» январи соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

**Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси 10. 01. 01 –Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Тарҷумаи бадеӣ яке аз мураккабтарин навъҳои тарҷума аст, ки дар тӯли мавҷудияти худ ба он таваҷҷуҳи адабиётшиносон, забоншиносон, равоншиносон, файласуфҳо ва муаррихон бештар гардид. Тарҷума ҳамчун як рукни барҷастаи равобити адабӣ дар омӯзиши адабиёти олам нақшу мақоми назаррас дорад. Аз ин рӯ, адабиётшиносон тарҷумаро шакл ва воситаи равобити адабӣ донистаанд. Ҳанӯз дар ибтидои солҳои 50-уми асри XX мақолаҳо дар бораи танқиди тарҷумаҳои тоҷикии ашъори шоирони рус таълиф шуда, дар баробари зикри маҳдудиятҳо заминаҳои муҳими ривоҷи афкор оид ба тарҷумаи шеърро дар адабиёти тоҷик ба вуҷуд овардаанд.

Таҳқиқи фаъолияти тарҷумонии Фарзона ва тарҷумаи шеъри ӯ ба забони русӣ барои омӯзиши вежагиҳои адабии нимаи дуюми асри XX аҳаммияти хосе дорад. Фарзона дар баробари нишон додани истеъдоди баланди шоирӣ ба коргоҳи тарҷума низ ворид гашта, дар ҳамин ҷода ҳамчун

яке аз нодиракорон шинохта шуд. Бисёре аз донишмандон дар мақолаву маърӯза ва гузоришоти хеш оид ба тарҷумаҳои Фарзона изҳори андеша намудаанд, аммо омӯзиши густурдаи масъала, муайян кардани арзиши бадеии ашъори тарҷума аз дидгоҳи илми адабиётшиносӣ ҳамаҷониба таҳқиқ нашудааст.

Корҳои анҷомшуда дар робита ба таҳқиқи тарҷумаҳои Фарзона собит месозад, ки бо вуҷуди таваҷҷуҳи муҳаққиқони алоҳида ба ин мавзуъ то ҳанӯз кори фарогир ва натиҷавӣ анҷом наёфтааст. Матолиби мавҷуда ба масъалаҳои ҷузъии тарҷумаҳои шоира ва осори тарҷумашудаи эшон маҳдуд шудаанд. Ин далолат бар он медиҳад, ки мавзуи таҳқиқ мубрам буда, баҳсу баррасии онҳо дар диссертатсия ҷоизу тақозои замон мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Мубрамиву зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, вазифаи асосии масъалаҳои таҳқиқшаванда, навгониҳои таҳқиқ, моҳияти назарию амалии он, сохтори умумии кор, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари махсуси ӯро нисбат ба мавзуи пажӯҳиш инъикос мекунанд. Саҳми шахсии муаллиф дар омӯзиши назария ва консепсияҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу баррасии онҳо, омода намудани мақолаву суханрониҳо зоҳир мешавад. Муаллиф ба таҳқиқи масъалаи илмӣ аз методҳои адабиётшиносӣ истифода карда, равия ва ҷараёнҳои нави пажӯҳиши адабиётро ба эътибор гирифтааст.

Кори таҳқиқӣ ба усулҳои асосии илми тарҷума асос ёфтааст: усулҳои муқоисавии типологӣ, таҳлилӣ, системавӣ, инчунин муқоисавӣ ва контекстии таҳлил. Таҳқиқ ба таҳлили муқоисавии нусхаи аслӣ ва тарҷума асос ёфта, робитаи байни матни аслӣ ва матни тарҷумашуда дар ҷараёни баргардон муқаррар карда шуда, дар он сохтори дохилии тарҷума ба силки таҳқиқ кашида шудааст. Самаранокии ин усул дар он аст, ки душвориҳои маъмулии тарҷума муайян карда шуда, натиҷаҳои он ба «фактҳои тарҷума»

нисбат дода мешавад. Инчунин, ин усул барои ошкор кардани тағирот дар шакл ва мундариҷа, муқоисаи ду ё зиёда тарҷумаҳои як асл кумак мекунад.

Аз ин рӯ, бо масъулият метавон иддао кард, ки диссертатсияи аз ҷониби Раҳимова Наргис анҷомёфта бо назардошти мураттаб баён шудани мавзуъ ва тарҳи мантиқан муназзам доштани бобу фаслҳо ва нуктаҳои муҳимми ҳимояшаванда қобили пазириш аст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар робита бо тақозои масъалаҳои қобили баррасӣ ҳар боб ба фаслҳои алоҳида (9 фасл) ҷудо карда шудааст. **Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зуҳур ёфтааст, ки рисола мутаносибан ду ҷиҳати муҳими тарҷумаи ашъори шоирони шинохтаи олам ба забони тоҷикӣ аз ҷониби Фарзона ва баргардонии ашъори Фарзонаро ба забони русӣ аз тарафи мутарҷимони рус дар бар мегирад. Тибқи ин ҳадаф меҳвари асосии таҳқиқоти мазкур бозтоби заминаҳо ва омилҳои руй овардани Фарзона ба тарҷумаи осори шоирони олам ба забони тоҷикӣ ва тарҷумаи шеъри ӯ ба забонҳои дигар маҳсуб мешавад. Дар ин ҷода ба шакли муҳими равобити адабӣ-тарҷума таваҷҷуҳи ҳарчи бештаре сурат гирифта, дар мисоли тарҷумаи осори шоирони олам ба забони тоҷикӣ ва, баръакс, баргардонии шеъри шоири тоҷик ба забони русӣ ба баъзе масъалаҳои равобити адабии тоҷику рус ишораҳо шудаанд. **Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола ҷанбаҳои назарии омӯзиши тарҷумаро пурратар гардонида, дар таъйини арзишҳои ҳунариву адабӣ ва тарҷумонии Фарзона метавонанд нақши бориз дошта бошанд.Таҳлилҳои назарии анҷомёфта дар асоси омӯзиши таълифоти донишмандони ватаниву хориҷӣ, ки дар рисола ҷой гирифтаанд, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада аз омӯзиши адабиёти давраи навин, дар таъйини вижагиҳои тарҷума дар давраҳои гуногуни таърихӣ,

хусусан давраи навини ташаккули адабиёти муосири тоҷик мусоидат карда метавонад. Натиҷаҳои дар заминаи мабоҳиси ҷудогонаи рисолаи бадастомада ва равишҳои пажӯҳишии мавриди назари моро дар таҳқиқоти ҳамгун низ метавон ба кор гирифт. Арзиши амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки маводи ҷамъовардашуда дар рисола ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми навиштани мақола, таълифи рисолаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои хусусиятҳои мавзӯиву ҳунарии тарҷумаи шеъри тоҷикӣ ва русӣ, иншои китобҳо дар бораи таърихи адабиёти муосири тоҷик ва давраи истиқлолият, таълиф ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо, мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ, суханрониҳо дар мактабҳои миёна ва олӣ истифода кард.

Дар муқаддимаи диссертатсия тибқи муқаррарот дараҷаи омӯзишу пажӯҳиш, мақсаду вазифаҳои асосӣ, ҷанбаҳои назарию амалии диссертатсия ва навгониҳои таҳқиқ баён гардида, саҳми шахсии муаллиф, сарчашмаҳо ва манобеи таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии он, асосҳои методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, татбиқи натиҷаи таҳқиқот ва адабиёти истифодашуда тавсиф гардидааст.

Нуктаи муҳимми рисола сохтори он аст, ки дорои низоми муайяни илмӣ буда, тартиби таҳқиқи мавзуъ барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва, дар маҷмуъ, ҳосил шудани тарҳи комили пажӯҳиш мусоидат менамояд. Бобу фаслҳои кор ҷиҳатҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, ба ҳам алоқамандии мантиқӣ доранд.

Боби аввали диссертатсия **«Тарҷума – воситаи инкишофи бадеии адабиёти тоҷик»** унвон дошта, аз ду фасл фароҳам омадааст. **Фасли аввали** боби якум **«Аз таърихи тарҷума ва нақши он дар рушди равобити адабӣ»** номгузорӣ шуда, дар он андешаҳо оид ба таърихи пайдоиш ва инкишофи ҳаракати тарҷума мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Мусаллам аст, ки муҳаққиқони тарҷума бештар ба масъалаҳои марбут ба тарҷумаи осори шоирӣ таваҷҷӯҳ менамуданд. Дар замони муосир тарҷума яке аз соҳаҳои мубрами адабиётшиносӣ ба ҳисоб меравад. Воқеан, тарҷумаи бадеӣ барои рушду такомули адабиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ аҳаммияти хоссаро касб менамояд. Ба воситаи тарҷумаи бадеӣ на фақат бо мероси гаронбаҳои шоирону нависандагони миллӣ ва ҷаҳонӣ огаҳӣ меёбем, балки аз фарҳангу маданияти бойи олами муосир бархурдор мегардем.

**Фасли дуюми** боби аввали диссертатсия **«Нақши тарҷума дар муаррифии ашъори Фарзона»** ном дорад. Тарҷума дар ташаккулу рушди бисёр забонҳо ва адабиёти миллӣ нақши муҳим бозида, осори безаволи Гомер ва Шекспир, Данте ва Гёте, Толстой ва Достоевскийро дастраси тамоми башарият гардонд. Тарҷума, ки яке аз муҳимтарин василаҳои ворид шудани асари бадеӣ ба фарҳанги дигар аст, бидуни миёнаравии он вуҷуд дошта наметавонад. Боби дуюми диссертатсия **«Истеъдоди тарҷумонии Фарзона ва тарҷумаи ашъори адибони рус»** ном дошта, аз чор фасл иборат мебошад. **Фасли якуми** ин боб **«Тарҷумаи ашъори Александр Пушкин»** унвон дорад. Шоирони тоҷик А. Лоҳутӣ, С. Ализода, А. Ҳамдӣ, Ҳ. Юсуфӣ, М. Турсунзода, М. Раҳимӣ, М. Фарҳат, Лоиқ, Гулрухсор, М. Шералӣ, Қ. Киром, С. Ҳалимшо, А. Адҳам, С. Ҷавҳаризода, С. Маъмур, Фарзона ва дигарон ба тарҷума ва нашри ашъори А.С. Пушкин ба забони тоҷикӣ саҳми беандоза гузоштаанд. Яке аз асарҳои Пушкинро Фарзона дар маҷмуаи «Себарга» (2010) ва «Найсон» (2019), бо номи «Иқтидо ба Қуръон» тарҷума намудааст. Асари шоири рус «Подражание Корану» мебошад, ки соли 1824 эҷод шудааст. Дар эҷодиёти шоир марҳилаи нав - тасвири ҳақиқати воқеоти зиндагӣ оғоз шуда, аввалин қадамҳои Пушкин дар ин роҳ эҷоди асари «Подражание Корану» маҳсуб меёбад. **Фасли дуюми** боби дуюм **«Тарҷумаи ашъори Федор Тютчев ва Сергей Есенин»** ном дорад. Дар ҳақиқат таъсири адабиёти рус ба ашъори Фарзона бениҳоят бузург аст. Ба ақидаи шоира адабиёти рус баъзе сужаҳое дорад, ки фаромӯшношуданист, мисли тасвири табиат, тавсифи фаслҳои сол, кулбаи чӯбину деҳаҳои зебоманзари рус,

ҷавзорҳову дарахтони санавбар ва онҳо ҷаззобияти худро дар ашъори адибони рус дарёфтаанд. Дуруст аст, ҳангоми мутолиа намудани тарҷумаҳои Фарзона, асари тарҷумавӣ будани онро эҳсос намекунем, чунки дар сатҳи баланди касбӣ тарҷума шуда, ба дили хонанда фараҳмандӣ меоранд. Фасли сеюми боби дуюм «**Тарҷумаи ашъори Анна Ахматова»** унвон гирифта, Фарзона бо усули хоси тарҷумонии худ, дар дили ҳар хонанда маъво гирифтааст. Дар илми тарҷумашиносӣ асарҳои тарҷумакардаи ӯ аз ашъори адибони рус Марина Светаева ва Анна Ахматова ҷои махсусро ишғол менамоянд. Барои он ки фалсафа ва олами ботинии шоир ба олами файласуфонаи ин шоирони тавонои рус монандӣ дорад. Дар таърихи тарҷумашиносии тоҷик ашъори Анна Ахматоваро К.Насрулло, Б.Фирӯз, Д.Наҷот, З.Абдулло, А.Адҳам ва дигарон тарҷума намудаанд. Фақат нигоҳ доштани тобишҳои адабиёти халқҳои дигар ба тарҷумон имкон медиҳад, ки маъно ва муҳити аслро дарёбад. Фасли чоруми боби дуюм «**Ашъори Александр Блок ва Марина Светаева дар тарҷумаи Фарзона»** ном дорад. Диққати мутарҷимони тоҷикро ашъори шоирони рус Александр Блок, Анна Ахматова ва Марина Светаева ҷалб намудааст. Ба тарҷумаи ашъори шоири рус А.Блок тарҷумонон И.Идиев, Ш.Мастон, К.Насрулло, М.Ғоиб, Қ.Киром ва Фарзона машғул шуда, услубу сабки ашъори ин шоири ширинкаломи русро ба хонандаи тоҷик ошно намудаанд. Яке аз шеърҳои А.Блок шеъри «Кӯча, дорухона, шаб, фонус» мебошад, ки оҳанги фалсафӣ дошта, мавзуи бебақоии ҳаётро дар бар мегирад. Шеър дар таърихи моҳи октябри соли 1912 эҷод шуда, ба маҷмуаи «Страшный мир» ворид шудааст. Сатрҳои шеър пурра ҳолати вазнини шоири русро инъикос менамояд, зеро дар ин давра падар ва писархонди шоир вафот мекунанд. Бинобар ин, дар шеърҳои эҷодкардаи ӯ дар ин маҷмуа, бебақоиву бевафоии ҳаёт ва ноумедиву дилмондагии инсон аз зиндагӣ ифода ёфтааст ва тарҷумаи онҳо аз ҷониби Фарзона дар ин фасл бо қалами унвонҷӯ ба таври воқеӣ таҳлил ёфтаанд. Боби сеюми диссертатсия **«Тарҷумаи ашъори адибони Ғарб ва Шарқ»** ном гирифта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Фасли якуми боби сеюм «**Тарҷумаи осори адибони Ғарб**

**дар эҷодиёти Фарзона**» унвон дорад. Дар маҷмуаи «Себарга» 40 шеъри Иоҳан Гёте, ки тарҷумаи русии он ба қалами мутарҷим В. Левик мутааллиқ аст, аз тарафи шоира  Фарзона тарҷума шудаанд. Бинобар таъкиди диссертант, ҳангоми тарҷума Фарзона кӯшидааст, ки бо тасвироту тавсифоти баланд асолати асли шеърро нигоҳ дорад. Фарзона дар қатори тарҷумаи осори назмӣ, ба тарҷумаи асарҳои насрии адибони хориҷӣ низ машғул шудааст. Дар маҷмуаи «Найсон» аз ашъори чанд тан адибони хориҷӣ ба забони тоҷикӣ тарҷуманамудаашро ба хонандаи тоҷик пешниҳод намудааст, ки яке аз онҳо ашъори нависандаи фаронса Антуан де Сент Экзюпери маҳсуб меёбад. Фасли дуюми боби сеюм «**Намунаи ҳайкуҳои ҷопонӣ дар тарҷумаи Фарзона**» ном дорад. Ҳайкуҳои ҷопонӣ аз осори шоирони давраи адабиёти классикӣ Майуо Басё, Фукуда Тиё, Кабаясси Исса, Ёса Бусон, Мукай Кёрай дар ашъори Фарзона мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Бояд гуфт, ки ҳайку ё ҳойку яке аз шаклҳои шеърии адабиёти классикии Ҷопон буда, шоир дар се мисраъ матлаби хешро ба пуррагӣ ғунҷоиш медиҳад. Ба ақидаи Фарзона «Ҳайкуҳои ҷопонӣ як навъ шакли шеърии семисраъгӣ буда, бозгӯи матолиби комил мебошад». Фарзона бо тарҷумаи ҳайкуҳо олами рангину зебои адибони Ҷопонро тасвир намудааст. Фасли сеюми боби мазкур «**Тарҷумаи ашъори Абай Кунанбоев**» унвон гирифтааст. Маҷмуаи «Нигоҳе ба зиндагӣ ва осори Абай», ки аз тарафи Фарзона тарҷума шудааст, соли 1995 дар нашриёти «Суруш» ба табъ расидааст. Абай Кунанбоев шоири бузург, мутафаккир, файласуфи инсондӯст, оҳангсоз ва устоди сухани бадеӣ ба ҳисоб меравад. Унвонҷӯ қайд менамояд, ки Фарзона  имкони ифодаи шевои матолиби шоири қазоқро дар тарҷума аз даст надодааст ва тарҷумаҳо табииву равон ва дилрасу ҳадафманд мебошанд.

Ҳарчанд муҳаққиқ дар фуроварди ҳар як боб ба таври мухтасар натиҷагириҳояшро менависад, боз дар 10 банди хулосаи диссертатсия, ҳама масъала ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро натиҷагирӣ кардааст. Дар китобнома теъдоди фаровони сарчашмаҳои илмиву адабӣ (177 адад) оварда шудааст, ки аз дониш ва иттилои комили

диссертант дар пажӯҳиш дарак медиҳад. Чизи муҳимме, ки аз мутолиаи диссертатсия хулоса мешавад, ҳамин аст, ки муаллиф дар таҳқиқоти хеш тозагии назар дорад ва он дар баҳсу мулоҳизаҳои муаллиф бо бархе муҳаққиқон аён мешавад.

Аз мутолиаи диссертатсия ба таври возеҳ ошкор мегардад, ки муҳаққиқ аз уҳдаи иҷрои кораш хеле хуб баромадааст. Мо муътақидем, ки муаллифи ин пажӯҳиш бо таваҷҷуҳи густарда ба корҳои анҷомшуда дар мавриди тарҷумаҳои Фарзона ва истифода аз анвои ҷадиди таҳлилу таҳқиқи осори ҳунарӣ тавонистааст, ки як таҳқиқи тозаро ба ихтиёри анвои тарҷума ҳавола кунад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровнаро метавон яке аз таҳқиқоти муҳим дар адабиётшиносии тоҷик унвон намуд, ки бо равиши хос, сабки комилан илмӣ, корбурди маводи фаровон ва сарчашмаҳои муҳимми адабӣ ва илмӣ таълиф шудааст. Аз феҳрасти адабиёт ва автореферати он бармеояд, ки диссертант давоми чанд сол ба ин масъалаи илмӣ машғул шудааст. Аз 16 мақолаи илмӣ, ки ба диссертатсия махсусанд, 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшаванда нашр шудаанд ва ин далел ҳам гувоҳи дониши фаровон ва истеъдоди баланди диссертант дар кори таҳқиқ мебошад.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои илмӣ баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои беҳбуди сифати диссертатсия мусоидат хоҳад намуд. Аз ҷумла:

1. Ба андешаи мо, масъалаи тарҷумаи ашъори худи Фарзона ба забонҳои русӣ ва ғ. дар ин рисола баррасӣ намешуд, беҳтар буд, зеро он паҳлуи дигари кори таҳқиқотиро тақозо дорад.

2. Хуб мешуд, агар таҳлил ва таҳқиқи тарҷумаҳои ашъори Анна Ахматова ва Марина Светаева дар як фасл мавриди муҳокима қарор мегирифт, зеро тахайюлу нозукиҳои эҷодиёти занона бо ҳам тавъам мебошанд.

3. Дар қисман фаслҳои рисола (фасли 2-юми боби I ва фасли 1-уми боби III) сабки илмии таҳқиқот бо услуби публитсистӣ омезиш ёфтааст.

4. Дар кори диссертатсионӣ аҳёнан ҳангоми овардани мисолҳои порчаҳои шеърӣ хатоҳои техникии вазнӣ (саҳ. 46, 51, 54, 91) ба мушоҳида мерасанд.
5. Дар қисман фаслҳои диссертатсия хатоҳои техникиву имлоӣ (саҳ. 6, 7, 11, 18, 21, 31, 79, 75, 86 ва ғ.) мушоҳида мегарданд, ки таҳрири дигарбораи онон, ба андешаи мо, сифати корро комилтар хоҳанд кард.

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз сифати илмии рисоларо коста намесозанд. Мазмун ва муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 6 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқ, ки дар шиносномаи ихтисоси 10. 01. 01 –Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунанд. Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Раҳимова Наргис Қаҳоровна муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01 –Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 29 -уми декабри соли 2023, суратҷаласаи № 5

муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шамсов Н. С.

Эксперт:
доктори илми филология, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Давлатбеков Л. М.

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Боев Ш. Э.

Имзоҳои н.и.ф. Н. С. Шамсов, д.и.ф. Л. М. Давлатбеков
ва н.и.ф. Ш. Э. Боевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

734019, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев17/6.
Тел: (+992 37) 232-50-00;
E-mail: shamsov1960@mail.ru

2-юми январи соли 2024.